# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Мадвалиев Ҷамолиддин Алиҷонович дар мавзуи «Терроризм, амалҳои террористӣ ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии ҷомеа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Дар замони муосир терроризм ва амалҳои террористӣ ҳамчун яке аз роҳҳои таъсиррасонӣ ба суботи ҷомеа ва амнияти давлатӣ баррасӣ карда мешаванд. Терроризм фаъолияти гунонунсамт мебошад, ки қодир ба нооором кардани вазъ дар кишвар ё мусоидат ба қабули қонунҳои зарурӣ барои татбиқи сиёсати зиддитеррористӣ равона гардад. Терроризм ҳамчун аслиҳаи стратегӣ дар ҷангҳои пинҳонии байни қудратҳо муаррифӣ мешавад. Аз таҷрибаи сиёсии кишварҳо маълум мешавад, ки он зуҳуроти ҳаргиз нав нест. Таърихи инсоният аз шаклҳои гуногуни фаъолияти он ба монанди терроризми оммавӣ, инфиродӣ, анархӣ, давлатӣ ва ғайра далолат мекунад. Зиёда аз он, терроризмро аксар вақт шакли дурусти мубориза бо рақибони сиёсӣ, ҳамчун муборизаи бар зидди зулму истибдод, зулми миллӣ, сарнагун кардани сохти ноодилона асоснок мекунанд. Аз нигоҳи илмӣ дар ҳар маврид терроризм ҳамчун амали номатлуби халалдор ба суботи сиёсӣ муаррифӣ мегардад ва барои бартараф намудан ва ташкили низоми мубориза бо он пажуҳиши илмиро талаб дорад. Кори диссертатсионии Мадвалиев Ҷамолиддин Алиҷонович дар мавзуи «Терроризм, амалҳои террористӣ ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии ҷомеа» ба чунин масъалаи мубрам бахшида мешавад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар мавзуи «Терроризм, амалҳои террористӣ ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии ҷомеа» бо шиносномаи ихтисоси илмии 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд. Дар таҳқиқоти мазкур зуҳуроти терроризм ва амалҳои террористӣ дар фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундгароӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, ки дар банди 4-уми шиносномаи ихтисос «Заминаҳои иҷтимоӣ ва табиати ҳизбҳои сиёсӣ» ва «Ҳизбу ҳаракатҳо» барои таҳқиқ пешбинӣ шудаанд.

Рисолаи Ҷ. А. Мадвалиев аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, ду боб, шаш параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар ҳаҷми 208 саҳифаи матни чопӣ иҷро шудааст. Рисолаи мазкур яке аз нахустин корҳои илмии фундаменталӣ ва мукаммал мебошад, ки маҳз бо масъалаи терроризм ва таъсири он ба суботи сиёсии ҷомеа пайваст аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот дар асоси далелҳои илмӣ муайян гардида, сатҳи рӯзмаррагии таҳқиқот дар раванди мубориза бо терроризм ва таъмини суботи сиёсии ҷомеа ва инкишофи минбаъдаи он ошкор карда мешавад. Муҳиммияти мавзуи мазкур, пеш аз ҳама, бо муайян намудани терроризм ва амалҳои террористӣ ва таъсири он ба суботи сиёсии ҷомеа, бо муайян кардани хусусиятҳои терроризми муосир ва дар симои терроризми байналмилалӣ зуҳур ёфтани он ошкор мегардад. Ба андешаи

муаллиф, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали ба даст овардани Истиқлолият бо падидаи терроризм рӯ ба рӯ гардида буд ва мақсади муайян намудани осебпазирии ҷомеаи Тоҷикистон дар муносибат бо терроризм омӯзиш ва таҳқиқи хусусиятҳо ва нишонаҳои терроризми муосир хеле муҳим мебошад ва барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти зиддитеррористии давлат ва дар маҷмуъ барои муқовимат нишон додан бо зуҳуроти тундгароии динию сиёсӣ мусоидат менамояд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз таҳлили асосҳои назариявию консептуалии масъалаҳои ҷудогонаи терроризм оғоз гардида, дар ин замина моҳият ва хусусиятҳои муҳимтарини терроризми муосир ошкор шудаанд, таҳқиқ гардидани алоқамандии терроризм бо идеологияҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ ва муайян гардидани паҳншавии ғояҳои мазкур ҳамчун заминаи асосии ташаккули терроризм, таҳлилу баррасӣ гардидани шаклҳои мухталифи зоҳиршавии терроризм ва дар ин замина нишон додани махсусиятҳои зуҳури амалҳои террористӣ дар олами муосир, таҳқиқ гардидани махсусиятҳои низоми мубориза ба муқобили терроризм ва амалҳои террористӣ дар шароити ҳозира ва муайян кардани таҳаввулоти таҷрибаҳои зиддитеррористии давлатҳои алоҳида ва созмонҳои байналмилалӣ, нишон додани таъсири терроризм ва амалҳои террористӣ ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо назардошти дигаргуниҳои ҷаҳони муосир ошкор намудани хусусиятҳои мубориза бо ин зуҳурот дар шароити навини давлатдорӣ, таҳлил намудани масъалаҳои рӯзмарраи фаъолияти зиддитеррористӣ ва пешомади инкишофи онҳо ва муайян кардани дурнамои таъмини суботи сиёсӣ ва пешгирии амалҳои террористӣ иборат мебошад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда пеш аз ҳама, бо муайян намудани терроризм ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ, ки марҳилаҳои гуногуни ташаккулёбиро сипарӣ намуда, дар ҳар як давраи таърихӣ хусусият ва шаклҳои махсуси зоҳиршавиро соҳиб гардидааст, оғоз меёбад. Муайян намудани мавҷудияти омилҳое, ки сабаби асосии пайдоиш ва тавсеаи терроризм мешаванд, вобастагии терроризм аз омилҳои идеологӣ, падидаҳои зуҳурёбии он ба монанди ифротгароии динию сиёсӣ, тундгароии динию сиёсӣ ва бунёдгароии динӣ, баррасии шаклҳои зоҳиршавии терроризм ва имкони дурусти моҳияти ин падида, мубориза бо терроризм ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ, таҳдиду хатари терроризм барои Тоҷикистон ва террор ҳамчун воситаи амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ дар шакли ҳуҷумҳои мусаллаҳона, суиқасд, таркиш, ҳуҷум ба объектҳои гуногуни давлатию ҷамъиятӣ, дуздидани ҳавопаймоҳо, асир гирифтан, рабудани одамон ва ғайра, ки ҳамаи онҳо дар заминаи фаъолияти террористӣ ба амал оварда шуда, унсурҳои таркибии падидаи терроризмро ташкил мекунанд, ба сифати навгонии таҳқиқот баромад мекунанд.

Дараҷаи эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқот тавассути асосҳои назариявию консептуалӣ ва методҳои илмии истифодашуда асоснок карда мешаванд. Дар таҳқиқоти мазкур методҳои илмии истифодашуда бо методологияи таҳқиқоти илмҳои сиёсӣ пурра мувофиқат менамоянд, сарчашмаҳои иттилоотии боэътимод таҳлил гардида, дар таҳияи натиҷаҳои таҳқиқот ва ҷамъбасти мантиқии онҳо назарияҳои илмии мавҷуда мусоидат кардаанд.

Аҳамияти илмии диссертатсияи Ҷ.А. Мадвалиев аз он иборат аст, ки дар таҳқиқоти мазкур муҳаққиқ вобаста ба шаклҳои зоҳиршавии терроризм хулосаҳои илман асоснокшуда пешниҳод намудааст, ки барои пешгирии ин падидаи номатлуб

аҳамияти илмию назариявӣ доранд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф манфиатҳои миллии Тоҷикистон, аз ҷумла ҳифзи сохтори конститутсионии давлат, Истиқлолияти давлатӣ, якпорчагии марзу бум, суботи сиёсӣ ва монанди инҳоро дар маркази диққат қарор дода, бо назардошти онҳо ба масъалаи терроризм баҳои илмию назариявӣ додааст, ки чунин хулосаҳо барои ташаккули стратегия ва барномаҳои муқовимат бо терроризм ва экстремизм хеле аҳамиятнок мебошанд.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар истифодаи амалии натиҷаҳо ва хулосаҳои он инъикос гардидааст.

Боби аввали рисола «Асосҳои назариявию методологии таҳқиқи масъалаҳои терроризми муосир» аз се қисмат иборат аст. Диссертант ба масъалаҳои бунёдии назариявию методологӣ ва амалию сиёсии тадқиқи терроризм ва амалҳои террористӣ таваҷҷуҳи хоса намуда, моҳият ва хусусиятҳои терроризм, заминаҳо ва омилҳои ташаккули он ва махсусиятҳои зуҳури амалҳои террористиро дар олами муосир таҳқиқ кардааст. Масъалҳои марбут ба истифодаи мафҳуми «террор», ки ба воситаи онҳо ҳам амалҳои террористӣ ва ҳам истифодаи пайдарпайи зӯроварии сиёсӣ дар асрҳои XVIII-XIX ифода меёфт, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқи баъзе сарчашмаҳои илмӣ вобаста ба тафовути террор ва терроризм дар кори илмӣ андешаҳои муҳаққиқон С.У. Дикаев, О.В. Будинский, А.В. Никитин ва дигаронро таҳлил намуда, дар диссертатсия тафовути байни террор ва терроризмро ба таври равшан арзёбӣ намудааст ва хулоса кардааст, ки террор – падидаи умумӣ, терроризм – падидаи махсус ва амали террористӣ – падидаи ягона пиндошта мешаванд.

Боби дуюми рисола «Фаъолияти террористӣ ва таъсири он ба суботи сиёсии ҷомеа», ки аз се зербоб иборат мебошад, бевосита ба махсусиятҳои низоми мубориза ба муқобили терроризм ва амалҳои террористӣ дар шароити ҳозира, хусусиятҳои мубориза бар зидди зуҳуроти гуногуни терроризм ва амалҳои террористӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъалаҳои рӯзмарраи фаъолияти зиддитеррористӣ ва пешомади инкишофи онҳо бахшида шудааст. Ба андешаи муаллиф, дар марҳилаи муосири давлатдорӣ ҳамаи кишварҳо дар сатҳи хеле баланд таҳдиду хатари терроризмро эҳсос менамоянд. Аз ин рӯ, ҳар як давлат бо назардошти шаклҳои зоҳиршавии терроризм ва бо мақсади коҳиш додану пешгирӣ намудани оқибатҳои ногувори ин зуҳуроти номатлуб чораҳои гуногун меандешанд. Таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба мубориза бо терроризм ва пешгирӣ намудани оқибатҳои он нишон медиҳад, ки аслан ин гуна фаъолият дар ду сатҳ: миллӣ ва байналмилалӣ роҳандозӣ мегардад.

Хулосаи диссертатсия аз ду қисмат «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия», ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо» иборат мебошад. Дар қисмати аввал муаллиф хулосаҳои худро оид ба терроризм ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ, таҳдидкунанда ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба арзишҳои низоми демократӣ ва ниҳодҳои демократии ҷомеа маълум месозад.

Дар қисмати дуюми хулосаи кори илмӣ дар асоси натиҷагириҳои илмии воқеияти терроризм ва таъсири он ба суботи сиёсии ҷомеа тавсияҳои хосияти амалидошта пешниҳод мегарданд.

Интишороти муаллиф ба мазмуну муҳтавои диссертатсия мутобиқат дошта, дар 7 мақолаҳои маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия бо иштироки диссертант дар конференсияҳои илмиву амалии байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ асос меёбад.

Дар баробари муваффақиятҳои назаррас дар кори диссертатсионӣ баъзе норасогиҳо ва камбудиҳо низ ба чашм мерасанд. Онҳоро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст:

1. Дар рисола масъалаҳои зуҳури террор ва терроризм ва таъсири онҳо ба суботи сиёсӣ дар назарияи илмӣ асоснок гардида, дар амалия таҳлили он вобаста ба таҷрибаи кишварҳои мухталиф, аз он ҷумла Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳи пурра қарор нагирифтаанд.
2. Дар рисола масъалаҳои таъсири терроризм ва амалҳои террористӣ ба суботи сиёсии ҷомеа тавсиф шудаанд, лекин раванди фаъолияти зиддитеррористии ниҳодҳои қудратии кишварҳо дар рафти мубориза бар зидди терроризм ҳамчун намунаи муҳайёсозии инкишофи босуботи кишвар ошкор карда нашудаанд.
3. Дар рисола ҳам падидаи терроризм ва ҳам амали террор, ки дар рафтори ташкилотҳои террористии замони муосир, аз қабили «Ал-Қоида», «Давлати исломӣ», «Толибон», «Ихвон-ал-муслимин» ва чанде дигарон мушоҳида мешаванд, таҳқиқ шудаанд. Лекин хусусияти ташкилотҳои террористии ғайриисломӣ, ба монанди Қувваҳои Мусаллаҳи инқилобӣ дар Колумбия, Муборизаи инқилобӣ дар Юнон, Эускади Та Аскатуна дар Испания ва Франсия, Роҳи дурахшон дар Перу, Артиши воқеии ҷумҳуриявӣ дар Ирландия, Аум Шинрикё дар Япония, Чай Кахане дар Исроил, Артиши Муқовимати Худованд дар Уганда дар рисола ба назар намерасанд. Зарур мебуд, ки барои беҳтар гардидани таҳқиқоти илмӣ хусусиятҳои ташкилотҳои мазкур ва амалҳои террористии онҳо аз нигоҳи таъсиррасонӣ ба суботи сиёсии ҷомеа дар минтақаҳои гуногуни олам мавриди пажуҳиш қарор дода мешуд.
4. Муаллиф дар таҳқиқоти худ асарҳои олимони ватаниро камтар истифода намудааст. Агар ба ин паҳлуи масъала диққати бештар дода мешуд, муҳтавои диссертатсия ва эътимоднокии он боз ҳам бештар мегардид.

Новобаста аз ҷой доштани эродҳои дар боло зикргардида муаллифи рисола талаботҳои таҳияи диссертатсияро бо назардошти муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мураттаб сохта, пешбиниҳои илмӣ ва дастурҳои амалиро дар мавриди масъалаҳои таҳқиқшаванда мушаххасан истифода намудааст. Аз ин рӯ, маълум мешавад, ки муаллиф мавзуи таҳқиқотро дар сатҳи баланди илмиву назариявӣ таҳлил намуда, дараҷаи азхудкунии маводи илмиро вобаста ба

таҷрибаи амалии ҷаҳонӣ ва Тоҷикистони муосир ошкор сохтааст, ки сатҳи баланди қобилияти касбии ӯро нишон медиҳад.

Масъалаҳои мухталифи матраҳшуда дар асоси маводҳои таҳқиқотҳои илмӣ ба таври муфассал таҳлил гардида, автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқоти илмӣ нашр гардидаанд, мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро ба пуррагӣ инъикос менамоянд.

Рисолаи диссертатсионӣ сатҳи баланди рӯзмаррагӣ ва навгониҳоро дошта, ба талаботҳо оид ба диссертатсияҳо дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ, доктори фалсафа
(PhD), аз рӯйи ихтисоси сиёсатшиносӣ,
муаллими калони кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Файзов Р.Х.

Имзои Р.Х. Файзовро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

Суроғаи муқарриз:
735060, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16.
Тел.: +992 988512651